**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи "Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 03 – таърихи умумӣ пешниҳод шудааст**

Таҷрибаи таърихии навсозӣ ва амалӣ намуданиислоҳоти бунёдӣ дар Афғонистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асри XX доираҳои ҳукмрони кишвар борҳо барномаҳои васеи дигаргунсозии ҳаёти иҷтимоиро тарҳрезӣ намуданд. Пас аз касби истиқлолият дар соли 1919 ҳукумати ҷавонафғонҳо кӯшиш намуд барномаи васеи дигаргун сохтани сохтори давлатдорӣ, аз байн бурдани боқимондаҳои низоми асримиёнагӣ ва таъмини босуръати рушди иқтисодӣ ва саноати муосирро ба роҳ монад.

Дар даврони ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933 – 1973), бахусус пас аз хотима ёфтани Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ, дар солҳои 50 ва 60 асри гузашта ислоҳоти васеи моҳияти навсозии бунёдӣ дошта, ба амал бароварда шуданд.

Бо вуҷуди ин, дар ҷомеаи Афғонистон дар ҳар як марҳилаи навсозии ҳаёти ичтимоию сиёсӣ мухолифати шадиди доираҳои муайян ба муқобили ташаббусҳои навсозӣ ба амал омада, ниҳоят натиҷаи навсозиро камсамар ва ё бесамар сохтаанд. Гувоҳи он ҷангҳои 40-солаи Афғонистони имрӯза аст, ки хотимаи он номаълум аст.

Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии илмии равандҳои навсозӣ дар марҳилаҳои муайяншуда, муайян намудани самтҳо ва мушкилоту дастовардҳои он ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам амалияи имрӯзаи хотима додан ба ҷанг ва эъмори як ҷомеаи босубот дар Афғонистон бисёр муҳим арзёбӣ мешавад.

Ҳамин тавр, дар мубрам будани мавзӯъ ҳеҷ ҷойи шакку шубҳа нест, мавзӯи интихобшуда ҳам аз нигоҳи илмӣ- назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ дорои аҳамияти калон мебошад. Қобили ёдоварист, ки муаллиф тавонистааст мубрамият ва зарурати таҳқиқи онро ба таври эътимодбахш ва

бо далелҳои қонеъкунанда асоснок намояд, ки аз истеъдоди таҳлилию таҳқиқии ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Сохтори кори диссертатсионӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Рисола аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифода шуда иборат аст.

Дар муқаддима, тибқи талаботи маъмул гузориши масъала, аҳамияти илмии мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он муфассал таҳлил шудааст.

Дар қисмати тавсифи умумии кор робитаи кор бо барнома (лоиҳа) – ҳои мавзӯи илмӣ, инчунин объект ва предмети таҳқиқро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои кори илмӣ, муқарраароти барои дифоъ пешниҳодшуда, навгонӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва аҳамияти амалии рисолаи диссертатсиониро ба таври дақиқ нишон додааст.

Унвонҷӯ дар интихоб, ҷустуҷӯ ва истифодаи сарчашмаҳои бисёр муҳими таърихи Афғонистони давраи таҳқиқшаванда ва адабиёти илмӣ, таҳлил ва таснифи онҳо мустақилият ва ҷиддияти зарурӣ нишон додааст. Дар натиҷаи таҳлили амиқи мавзӯъ муаллиф ба натиҷаҳои нави илмӣ ноил шудааст, ки дар бахши навгонии диссертатсия оварда шудаанд. Аз ҷумла, бо ҷалби сарчашма ва адабиёти дар солҳои охир ба нашррасида вазъи дохилӣ ва байналмилалии Афғонистон дар солҳои 30-70-уми асри XX аз нигоҳи ба вуҷуд омадани зарурати амалӣ намудани сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар ҳар як давраи инкишофи таърихӣ ва мавзеъгирии доираҳои ҳукмрон ба равандҳои навсозӣ муайян карда шудааст.

Навгонии дигари рисолаи дисертатсионӣ таҳқиқ ва мушаххас намудани омилҳои дохилӣ ва берунии таъсиргузор ба вазъияти сиёсии Афғонистон дар нимаи дувуми солҳои 40, бахусус таъсири дигаргуниҳои куллии ба амал омада пас аз Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ба равандҳои навсозӣ дар Афғонистон мебошад.

Таҳлили илмии заминаҳои ташаккули низоми ҳокимияти олии қонунгузор (парламент) дар Афғонистон, хусусиятҳои хоси вазъияти таърихӣ

ва аҳамияти фаъолияти Шӯрои миллии даъвати ҳафтум (1949 – 1951) низ аз бисёр ҷиҳат навгонии диссертатсия ба ҳисоб меравад. Ба хусус муайян намудани нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои мутараққӣ дар ҳаёти сиёсии Афғонистон дар охири солҳои 40 ва ибтидои солҳои 50-ум, дар ташаккули низоми ҳокимияти олии қонунгузор (парламент) дорои аҳаммият мебошад.

Марҳилаи муҳимми навсозии ҳаёти иҷтимоию сиёсии Афғонистон солҳои 60-уми асри гузашта ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои нави илмии вобаста ба мушаххас намудани омилҳои дохилӣ ва берунии заминагузори қабули Қонуни асосии соли 1964 ва нақши он дар тавсеаи заминаҳои навсозӣ ва ислоҳот, таҳаввули низоми шоҳӣ ба низоми шоҳии машрута, нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ, матбуоти озод дар рушди ғояҳои навсозӣ ва ширкати онҳо дар равандҳои навсозӣ пас аз қабули Қонуни асосии соли 1964 яке аз дастовардҳои нав ва муҳимми муаллифи рисолаи диссертатсионӣ мебошад. Яъне то ҳол дар таърихнигории муосир як таҳқиқоти ҷомеъ дар асоси таҳлили амиқи санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқии Афғонистон ва маводи дар солҳои охир ба гардиши илмӣ воридшуда анҷом нашуда буд.

Сохтори кори диссертатсионӣ барои расидан ба ҳадафи муайяншуда муносиб ва мантиқӣ аст. Ҳар як бобу зербоби он якдигарро такмил намуда, ҳодисаю воқеаҳо ба таври хронологӣ таҳлил шудаанд.

Боби аввали рисолаи дисертатсионӣ ба таҳлили таҷрибаи таърихии навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон бахшида шудааст. Дар ин боб кӯшиш шудааст бо таҳлили ҳамаҷонибаи таҷрибаи навсозӣ дар солҳои 1919 – 1929 ҳадафҳо ва мушкилоти навсозӣ, иштибоҳоти амири ислоҳотчиро муайян намояд, ки боиси нокомии нақшаҳои навсозии Амонуллохон гардиданд. Ин нокомӣ Афғонистонро ба гирдоби буҳрони амиқ андохта ва ниҳоят ба сарнагун гардидани Амонуллохон оварда расонид.

Натиҷаи дигари он ҳукмрон гардидани як низоми истибдодӣ дар Афғонистон буд, ки то ба охир расидани Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ идома ёфт.

Боби дувуми рисолаи диссертатсионӣ ба раванд ва натиҷаи марҳилаи нави навсозӣ бахшида шудааст, ки баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ оғоз шуд

ва боиси ташаккули гурӯҳу созмонҳои сиёсӣ, ҷунбиши либерал-демократӣ, ба вуҷуд омадани матбуоти озод ва интихоботи нисбатан озод ба парламенти кишвар гардид. Муаллиф дуруст хулоса намудааст, ки Шӯро ё парламенти даврai 7 дар навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мамлакат нақши муҳим ифо намудааст.

. Ва ниҳоят боби севум давраи муҳимтарини раванди навсозиро, ки ба солҳои 60-ум -ибтидои солҳои 70-ум рост меояд, дар бар мегирад.

Воқеаи муҳимтарин, бешубҳа таҳия ва қабули Қонуни асосӣ, яъне Конститутсияи Афғонистон дар соли 1964 мебошад, ки заминаҳои меъёрии ҳуқуқии навсозиро дар Афғонистон таъмин намуд.

Таваҷҷӯҳи муаллиф ба ташаккули аҳзоб ва гурӯҳҳои сиёсии дорои идеологияҳои мухталиф, матбуоти ғайрирасмӣ дар асоси Қонуни асосии нав, мавҷи ҳаракатҳои сиёсӣ барои навсозии кишвар қобили тавсиф аст.

Дар давоми кор аз болои рисолаи диссертатсионӣ Б.Баҳодуров худро ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда, серкор ва ҷиддӣ дар баробари вазифаҳои дар пеш гузошта нишон дод. Ӯ ҳамеша машвараҳои роҳбари илмиро ба роҳбарӣ мегирад ва дар пайи ҷустуҷӯи маводи илмӣ ва таҳлил аст.

Хулоса ва натиҷаҳои арзишманди илмии рисола метавонанд дар амалияи кори ниҳодҳои давлатии Тоҷикистон ва Афғонистон, ҷиҳати барномаҳои ҳамгироии минтақавӣ истифода шаванд. Истифодаи маводи рисола дар таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя аз рӯйи ихтисоси “Таърихи умумӣ”, “Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ”, “Минтақашиносӣ” ва ғайра аз аҳамияти холӣ нест.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки рисолаи диссертатсионии Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич дар мавзӯи “Масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1933-1973”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯй ихтисоси 07 00 03 – таърихи умумӣ пешниҳод шудааст, аз рӯи мазмун, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, аҳамият ва навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, арзиши

назариявӣ ва амалӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он Баҳодуров Беҳрӯз Файзуллоевич сазовори касби дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 03 – таърихи умумӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, и.в.саркотиби илмии
АМИТ, д.и.т. Қ. Искандаров

734025, хиёбони Рӯдакӣ, 33, ш. Душанбе, ҶТ,
Тел. +992-372-221-50-17
Email: sarkotib@anrt.tj
10.02.2021

Имзои Қ. Искандаровро тайид мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус М. Муродова

«_10_»_____02_________2021